Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон
(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ, тавсеаи хизматрасониҳои электронӣ ва густариши муносибатҳои молиявӣ масъалаи такмил ва рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек ба масъалаҳои мубрами илми иқтисодӣ ва амалияи фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд дорад.

Дар автореферат муъаллифи мавзуъ асоснок карда шуда, нишон дода шудааст, ки рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо метавонад ба таҳкими фарогирии молиявӣ, афзоиши рақобатнокии ташкилотҳои қарзӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди низоми хизматрасониҳои бонкиро дар робита бо тағйироти иқтисоди рақамӣ ва талаботи нави бозори молиявӣ таҳлил намояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф доираи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои бонкиро таҳқиқ намудаст, ҳамзамон, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ташкили хизматрасониҳои муосири бонкиро омӯхта шуда, имконияти татбиқи унсурҳои пешқадами он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Яке аз дастовардҳои муҳими таҳқиқот муайян намудани нақши бонкдории электронӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ва усулҳои таҳлилии иқтисодӣ ҳолати кунунии бозори хизматрасониҳои бонкиро арзёбӣ намуда, тамоюлҳои рушди онро муайян кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки механизми мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ пешниҳод гардида, самтҳои такмили инфрасохтори пардохтӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти бонкӣ ва густариши хизматрасониҳои электронӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф стратегия ва дурнамои рушди низоми хизматрасониҳои бонкиро то солҳои оянда таҳия намудааст.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзӣ, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ ва тадқиқоти илмӣ истифода шаванд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, дар автореферат баъзе масъалаҳо ҷой доранд, ки ҳамчун пешниҳоди илмӣ метавонист зикр намуд:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, ки таҷрибаи муваффақи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ муқоисатар таҳлил карда шавад.

2. Дар автореферат масъалаҳои вобаста ба хавфҳои киберамниятӣ ҳангоми рушди хизматрасониҳои электронӣ ба таври маҳдуд баррасӣ гардидаанд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.


Муқарриз:
д.и.и., профессор, декани факултети
технологияҳои инноватсионӣ ва
баҳисобгирии бухгалтерии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон ________________Д.А. Хоҷаева

Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, 19-ум микрорайон,
хонаи 2, ҳуҷраи 50, ш. Хуҷанд, вилояти Суғд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 92-800-04-05
E-mail: dilrabo.hodjaeva@mail.ru


Имзои Хоҷаева Д.А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ____________________ Бобоев А.Х.


Суроға: 735700, 17-ум микрорайон,
хонаи 1, ш. Хуҷанд, вилояти Суғд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: +992 (3422) 2 38-11
Факс: +992 (3422) 2-51-70
E-mail: tsulbp@rambler.ru